ҚАРОРИ №27
ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-078
дар назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

аз 28 июли соли 2025

ш. Хуҷанд

**Раиси Шуро:** д.и.пс., дотсент Бобоева Сайёра Бобораҷабовна

Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таърихи 5-уми августи соли 2024-ум, таҳти №265/шд тасдиқ гардидааст, 16 нафар узви Шуро иштирок доранд (аз ҷумла 4 нафар тариқи онлайнӣ). Ҳамчунин аз 16 нафар ҳозирбудагон 3 нафар доктори илмҳои педагогӣ, 2 нафар номзади илмҳои педагогӣ ва мутахассисони соҳа аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) мебошанд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Муҳтарам аъзои Шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Аъзои Шуро хоҳиш намуданд, ки ҷаласа кушода шавад. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи номзадии Қурбонзода Нигина Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар низоми талаботи илми педагогикаи муосир», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) пешниҳод шудааст.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Исломов О.И. ва аъзоёни он баромад намуданд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Қурбонзода Нигина Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар низоми талаботи илми педагогикаи муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

**- Файзализода Баҳрулло** – доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти киберии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**- Туев Шоҳин Шоевич** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи математикаи олӣ ва информатикаи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимоя дар сомонаи МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чопи автореферат иҷозат дода шавад.

5. Таърихи рӯзи ҳимоя 11.10.2025, соати 13:00 таъин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд: якдилона.**

Раиси Шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои психологӣ, дотсент — Бобоева С.Б.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои психологӣ, дотсент — Зайтметов Ҳ.А.